ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ КОРШИНОСОНИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмиллӣ ва сиёсати беруна.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муродова Н.С. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих Турсунов Т.Х. ва доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М.Ҳ., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.11.2026 ташкил карда шудааст, диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмиллӣ ва сиёсати берунаро баррасӣ намуда, аз натиҷааш чунин хулоса бароварданд:

1. **Мутобиқати мавзуъ, мухтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илм**. Мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)», ба бандҳои 3 – Муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, 6-Бозсозии муносибатҳои байналмилалӣ, сайри такомул ва моҳияти он ва 7-Афзалиятҳои миллӣ-давлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалии шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна, ки бо қарори раёсати Космиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Мавзуи мазкур таҳкими дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ ва ҷойгоҳи дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ин таҳқиқот дар доираи ин ихтисос ба ҳисоб меравад. Муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқ аст.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пеш аз ҳама, бо афзоиши аҳаммияти масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об, таъмини амнияти обӣ, ҳифзи муҳити зист ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Захираҳои обӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувор, суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти минтақавию ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, масъалаи дастрасӣ ба оби тоза ва идоракунии самараноки захираҳои он дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид, қарор дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обии минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити истиқлолияти давлатӣ масъалаи

обро ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ табдил дода, тавассути пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалии вобаста ба об саҳми назаррас гузоштааст. Аз ҷумла, ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба эълон намудани соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005–2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, солҳои 2018–2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ва ташаббусҳои минбаъдаи кишвар дар доираи рӯзномаи ҷаҳонии об аз ҷумлаи иқдомҳои муҳимми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Дар ин замина, омӯзиши раванди ташаккул ва таҳаввули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Созмони Милали Муттаҳид аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Мубрамии таҳқиқот ҳамчунин бо зарурати омӯзиши робитаи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бо Ҳадафҳои рушди устувор, махсусан Ҳадафи 6 – таъмини дастрасӣ ба оби тоза ва беҳдошт барои ҳама, инчунин саҳми дипломатияи об дар густариши ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян мегардад. Дар баробари ин, таҳлили таҷрибаи таърихии пешбурди дипломатияи оби Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосӣ, марҳилаҳои ташаккул, натиҷаҳо, мушкилот ва дурнамои ин самти сиёсати хориҷӣ муайян карда шаванд.

3. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Диссертант мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба омӯзиши ҳамаҷонибаи раванди ташаккул, марҳилаҳои асосии таҳаввул ва хусусиятҳои рушди дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми Созмони Милали Муттаҳид дар солҳои 2003–2025, медонад. Инчунин диссертант дар назди худ ҳафт банди асосии таҳқиқшавандаро вазифаи муҳим ҳисобида муайян намудани нақш ва аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалии кишвар дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва арзёбии дурнамои он ҳисобидааст.

Барои расидан ба мақсади мазкур диссертант дар назди худ як қатор вазифаҳои илмиро гузоштааст, ки аз ҷумла омӯзиши заминаҳои таърихӣ ва сиёсиву ҳуқуқии ташаккули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян намудани омилҳои дохилӣ ва хориҷии ба ташаккули ин самти сиёсати хориҷӣ таъсиррасон; таҳлили марҳилаҳои асосии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об; баррасии нақш ва мавқеи кишвар дар доираи Созмони Милали Муттаҳид; омӯзиши саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қабули қатъномаҳо ва санадҳои байналмилалии марбут ба масъалаҳои об; муайян намудани робитаи дипломатияи об бо Ҳадафҳои рушди устувор ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти дипломатии кишвар дар ин самтро дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, диссертант кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар равандҳои байналмилалии марбут ба идоракунии захираҳои обӣ муайян намуда, таъсири ташаббусҳои мазкурро ба таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар ва рушди ҳамкориҳои минтақавию ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор диҳад. Дар маҷмуъ, мақсад ва вазифаҳои

гузошташуда ба мазмуну муҳтавои мавзуи таҳқиқот мувофиқат намуда, барои ҳалли масъалаҳои асосии илмии дар диссертатсия матраҳгардида равона шудаанд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур раванди ташаккул ва таҳаввули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми Созмони Милали Муттаҳид дар давраи солҳои 2003–2025 аз нигоҳи таърихӣ ва дар робита бо равандҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки марҳилаҳои асосии ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистонро муайян намуда, хусусиятҳои ҳар як марҳиларо дар заминаи ташаббусҳои байналмилалӣ, тағйироти муҳити геополитикӣ ва таҳаввули рӯзномаи ҷаҳонии рушди устувор таҳлил намояд. Дар ин замина, аҳаммияти ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии об, саҳми кишвар дар пешбурди ҳамкории байналмилалӣ ва нақши механизмҳои дипломатияи бисёрҷониба дар татбиқи манфиатҳои миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, аҳаммияти таҳқиқот дар истифодаи маводи санадҳои байналмилалӣ, қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид, ҳуҷҷатҳои расмӣ, суханрониҳои роҳбарияти давлат ва маводи марбут ба фаъолияти сохторҳои байналмилалӣ ифода ёфта, барои амиқтар намудани тасаввуроти илмӣ дар бораи таърихи ташаккул ва рушди дипломатияи оби Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

5. **Аҳаммияти назарӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025) сурат гирифтааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои ғанӣ гардонидани асосҳои илмии омӯзиши ташаббусҳои байналмилалӣ дар пешбурди манфиатҳои миллӣ, ташаккули рӯзномаи глобалӣ ва таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳои марбут ба таҳия ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, муассисаҳои таҳқиқотӣ ва ташкилотҳое, ки дар самти ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об фаъолият мекунанд, зоҳир мегардад. Маводи таҳқиқот метавонад ҳангоми омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи барномаҳо ва самтҳои минбаъдаи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ мавриди истифода қарор гирад.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус инчунин метавонанд дар омода намудани лексияҳо, семинарҳо ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, магистрантон ва докторантон истифода шаванд.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои

назариявӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардидаанд.

6. Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) мутобиқ буда, дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи зикршуда муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

7. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 29, 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

8. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихнигорӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқат менамояд.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба талаботи банди 10-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 40–41 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмиллӣ ва сиёсати беруна баррасӣ намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмиллӣ ва сиёсати беруна ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмиллӣ ва сиёсати беруна мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Негматова Шаҳноза Рузиевна – доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Ашуров Ардамеҳр Муродқулович - номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати илм ва пажуҳиши Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

5. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ: Муродова Н.С.

Аъзои комиссия: Турсунов Т.Х

Аъзои комиссия: Маликов М.Ҳ.

23.11.2026